**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи «Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст. Душанбе, 2020, -190 саҳифаи компюторӣ.**

Диссертатсия А.Б. Сатторов ба таҳқиқи яке аз масоили камомӯхташудаи илми адабиётшиносии тоҷик - нақши никоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ бахшида шуда, таъсирпазирии шоири ориф Хоҷуи Кирмонӣ аз Қуръону суннат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусияти бадеии онҳо муайян гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ки ҳар як дорои фаслҳои ҷудогонаанд ва хулосаву китобнома иборат аст. Бояд зикр кард, ки таъсири оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар осори суханварони аҳди классикии тоҷик мавқеъ бузург касб карда, ҷавҳари осори адабии ононро ташкил дода, ки ашъори Хоҷуи Кирмонӣ намунаи боризи он аст Муаллиф бо далоилӣ илмӣ нишон медиҳад, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар ғазалиёташ барои баёни андешаҳои ҳаётиву иҷтимоӣ, динӣ ва алалхусус ирфонияш, аз таркибу ибора, калима, симоҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ фаровон истифода бурдааст. А.Б. Сатторов шеваи бардошти Хоҷуро аз Қуръон ба қисматҳои ҷудо намуда, барои исботи фикраш аз ин китоби муқаддас ва ашъори шоир мисолҳо меоварад. Воқеан, диссертатсияи А.Б. Сатторов дар адабиётшиносии тоҷик нахустин кӯшишиест дар таъйин намудани мақоми оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ва муайян намудани ҳунари шоир дар корбурди калимаву таркибот ва мазоми ин ду сарчашмаи асосӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия саъй намудааст то заминаҳои фарҳангии замони зиндагии Хоҷу, мавқеи дини ислом дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва адабию мадании он даврон ва баҳрабардории суханварон аз Қуръону суннат ва омилҳои густариши он аз устод Рӯдакӣ то Хоҷуи Кирмонӣ муайян кунад. Ин амал ба муаллиф имкон дода, ки заминаҳои

баҳрабардории шоир аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои паёмбар ба дурустӣ мушаххас гардад ва ба ҳалли мавзӯъ шароит фароҳам оварад. Бино ба таҳқиқи А.Б. Сатторов Хоҷуи Кирмонӣ дар оинаи каломи хаёлангезу ҳунармандонаи худ аз калимаю ибора ва маънии дилнишину таъсирбахши Қуръон ва ҳадис барои баёни андешаҳояшон васеъ истифода намудааст. Муаллиф чаҳор навъи таъсирпазирӣ аз Қуръон ва ҳадисро дар ғазалиёти шоир мушаххас намуда, бо шавоҳиди шеърӣ илман асоснок мекунад. Муаллифи диссертасия ба натиҷа мерасад, ки он чизе, ки пайванди ногусастании Хоҷуро бо Қуръон нишон медиҳад, ҳамоно таъсири Қуръон дар муҳтаво ва сохтору созмони дохилии шеъри ӯст. Муҳимтарин хусусияти сабки Хоҷу дар корбурди калимоти қуръонӣ аз назари муаллиф, истифодаи санъати иҳом, яъне корбурди як калима ба чанд маънӣ мебошад. Дар воқеъ, ҳангоми баҳрабардорӣ аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ, пеш аз ҳама, ҳунари шоир назаррас аст, ки арзиши илмии диссертатсия низ дар ин масъала бармало мегардад. А.Б. Сатторов собит менамояд, ки Хоҷу бозгӯи мазомини қуръонӣ ва ё ҳадиси набавӣ нест, балки ин ду сарчашмаи бузург барои шоир воситаи байни андеша мебошанд. Хоҷу танҳо азбардорандаи каломи Аллоҳ ва ҳадисҳои паёмбари ӯ нест, балки қуръонпажӯҳу ҳадисшинос ҳам ҳаст, ки ин фазилати ӯ дар ашъораш таҷассум ёфтаанд. Шоир бо истифода аз калимоту таркибот ва мазомини қуръонию аҳодиси набавӣ бештар андешаҳои ирфонӣ ва ғояҳои инсондӯстиашро иброз намудааст.

Хулоса, диссертатсия А.Б. Сатторов дар мавзӯи “Таъсирпазирии аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисхои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ” як кори илмии ба итмомрасида буда, метавон онро ба дифоъ пешниҳод кард.

Роҳбари илмӣ: Ш.Р. Исрофилниё

Имзои Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Назаров Д.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС